***ТДУ 94***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-380-49-56***

# ***АЗ ТАЪРИХИ САҲМИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБИЮ ОЛИИ ВИЛОЯТИ СУҒД ДАР РУШДИ ҲУНАРҲОИ МИЛЛӢ ВА ТАЙЁР НАМУДАНИ КАДРҲОИ СОҲИБТАХАССУС АЗ ҲИСОБИ ЗАНОНУ ДУХТАРОН***

***Воҳидова Гулнора Абдулатифовна,*** *омӯзгори кафедраи таърихи тоҷикӣ МДТ "ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ***ВКЛАД ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ И ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ В РАЗВИТИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ РЕМЕСЕЛ И ПОДГОТОВКА КВАЛИФИЦИРОВАННЫХ КАДРОВ ИЗ ЧИСЛА ЖЕНЩИН И ДЕВУШЕК***

***Вохидова Гулнора Абдулатифовна,*** *преподаватель кафедры истории таджикского народа ГОУ «ХГУ имени акад. Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# ***CONTRIBUTION OF PROFESSIONAL AND HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF THE SUGHD REGION TO THE DEVELOPMENT OF NATIONAL CRAFTS AND TRAINING OF QUALIFIED PERSONNEL FROM AMONG WOMEN AND GIRLS***

***Vohidova Gulnora Abdulatifovna,*** *Lecturer of the Department of History of the Tajik People, SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Dushanbe)*
***E-mail:*** *gulnora.voxidova@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *ҳунарҳои миллӣ, занони ҳунарманд, устод, шогирд, мутахассис, фарҳанги миллӣ, муассиса, саҳм.*

*Дар мақола саҳми муассисаҳои таҳсилоти касбию олии вилояти Суғд дар рушди ҳунарҳои миллӣ ва тайёр намудани кадрҳои соҳибтахассус аз ҳисоби занону духтарон инъикос ёфтааст. Қайд гардидааст, ки омузиш ва таҳқиқи масъалаҳои тайёр кардани кадрҳои тахассусманд дар самтҳои гуногуни қишри ҷомеа яке аз муҳимтарин мақсадҳои илми таърихшиносии муосир маҳсуб меёбад. Муаллифи мақола дар асоси омӯзиш ва истифодаи сарчашмаҳои илмӣ ва оммавӣ тавонистааст, ки саҳми муассисаҳои таҳсилоти касбию олии вилояти Суғд мавриди таҳқиқ қарор дода, нақши ин муассисаҳоро дар омода намудани кадрҳо аз ҳисоби духтарону занон ва инчунин барои таҳкими ҳунару ҳармандии ҷумҳурӣ муайян кардааст.*

***Ключевые слова***: *национальные ремесла, женщины ремесленницы, специалисты, национальная культура, учреждение, вклад, учитель, наставник, ученик.*

*В статье освещаеться вклад профессиональных и высших учебных заведений Согдийской области в развитие национальных ремесел и подготовка квалифицированных кадров из числа женщин и девушек.Отмечается, что изучение и исследование вопросов подготовки квалифицированных кадров в различных сферах жизни общества является одной из важнейших задач современной исторической науки.Автор статьи на основе источников удалось определить вклад профессионально-технических и высших учебных заведений Согдийской области, определил роль этих учреждений в подготовке кадров из числа девушек и женщин, а так же в развитии декоротивно- прикладного искусства республики.*

***Key words:*** *national crafts, women artisans, specialists, national culture, institution, contribution, teacher, mentor, student.*

*The article highlights the contribution of professional and higher educational institutions of the Sughd region to the development of national crafts and the training of qualified personnel from among women and girls. It is noted that the study and research of issues of training qualified personnel in various spheres of society is one of the most important tasks of modern historical science. The author of the article, based on sources, was able to determine the contribution of vocational technical and higher educational institutions of the Sughd region, determined the role of these institutions in training personnel from among girls and women, as well as in the development of decorative and applied arts of the republic.*

Омӯзиши ва таҳқиқи масъалаҳои тайёр кардани кадрҳои тахассусманд дар самтҳои гунгуни қишри ҷомеа яке аз муҳимтарин мақсадҳои илми таърихшиносии муосир мебошад. Дар замони Истиқлолияти давлатӣ бо ташаббуси Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон ва ҳукумати мамлакат ҳунарҳои миллӣ дубора эҳё гардида, марҳила ба марҳила густариш пайдо кард. Аз ин рӯ, муайян намудани таърихи ҳифз ва рушди ҳунарҳои миллӣ ба яке аз мавзуъҳои муҳимми илми таърих табдил ёфт. Дар ин замина тайёр кардани кадрҳо аз ҳисоби духтарону занон барои таҳкими ҳунару

ҳармандӣ ва бо касбу кор фаро гирифтани ин қишри муҳимми ҷомеа заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Ҳадафи аслии мақола дар муайян намудани мавқеи бархе аз муассисаҳои касбию олии вилояти Суғд мебошад, ки дар замони Истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати таъмини мутахассисони ҳунарманд нақши муҳим гузоштаанд.

Оид ба омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи мазкур корҳои муҳимми илмӣ рӯи кор омадаанд. Ба вижа муҳаққиқони рус ба монанди П.И.Пашино [13], П.А.Гончарова [4], Н.А. Кирпичников [8] А. Кушакевич [9], Н.А.Маев [10] ва дигарон дар нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX дар мақолаву рисолаҳояшон ин масъаларо мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ҳамчунин, дар китобу асарҳои олимоне чун О.А.Сухарева, А.А. Семёнов, Н.О.Турсунов, Р.Г. Мукминова, Ф.С. Рофиева ва дигарон ба таври васеъ таҳқиқот шудааст [21,с. 3].

Бо вуҷуди ин, омӯзиш ва тадқиқи илмии мавзуи мавриди назар дар кишвари мо ба таври васеъ ҷараён нагирифтааст ва дар ин самт масъалаҳои таърихии зиёде мавҷуданд, ки таҳқиқи алоҳидаро тақозо менамоянд. Аз ин рӯ, омӯзиши илмии ин мавзуъ барои ба таври муносиб омӯхтани таърихи муассисаҳои касбиву олӣ, ки дар рушди ҳунарҳои дастӣ нақши муассире гузоштаанд, аҳамият дошта, барои муайян намудани саҳми занон дар ин самт низ мусоид хоҳад кард. Ҳамчунин, дар шинохти бештари як соҳаи ҳунар, яъне ҳунарҳои дастӣ ва шинохти мавқеи занони ҳунарманд дар таърихшиносии замони истиклол муфид мебошад. Таърихи омӯзиши ҳунарҳои бадеӣ (дастӣ) ва мавқеи занони ҳунарманд, ки ҳаёташон дар пешрафту густариши он сарф шудааст, дар илми таърихнигорӣ аз корҳои муфиди илмӣ ва босамар мебошад.

Мафҳуми феномени “мактаби ҳунарӣ” (устодиву шогирдӣ) дар илми тоҷик аз солҳои 80- уми асри гузашта оғоз мешавад. Моҳияти амалии раванди таълим малакаҳои гуногунро аз маҳорати нигоҳ доштани асбобҳои корӣ то азхуд намудани асосҳои ҳунар ва азхудкунии маҳоратро дар бар мегирад. Дар ин бора муҳаққиқ Азизи Фароғат такид менамояд “Методикаи “устод-шогирд” дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон яке аз ниҳодҳои бонуфузи замони муосир ба ҳисоб меравад”[1,с.233]. Дар даврахои гузашта танҳо хешовандони устод барои шогирдӣ муроҷиат мекарданд. Раванди ҷаҳонишавӣ дар самтҳои гуногуни ҷомеаи имрӯз имкон медиҳад, ки устод дар тарбияи шогирдон, натанҳо хешовандон, балки узви дигар хонаводаҳоро низ тарбия намояд.

Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (факултетҳо) ва коллеҷҳои санъату ҳунарҳои мардумӣ усули таълими “устод шогирд”-ро истифода мебаранд, зеро ин усули таълим ба талаботи таълими муосири соҳаи маорифи ҷумҳуриамон ҷавобгӯ буда, ба ташаккули салоҳияти донишҷӯ нигаронида шудааст. Мавқеи назарраси муассисаҳои таълимии ҳунаромӯзӣ, беш аз ҳама, барои тарбияи шогирдон аз ҷониби устод шароит фароҳам меоваранд, ки онҳо ба таълимдиҳӣ шуруъ карда, аз байни хешовандон ё аҳолӣ довталабонро ҷалб менамоянд.

Усули таълими “Методикаи таълимиии устодиву шогирдӣ” дар ҳар муассиса маҳорати амалиро асос медонад. Ин намуди омӯзиш ва амалияи он дар таълими анъанавии ҳунарҳои бадеӣ дар байни тоҷикон собиқаи таърихӣ дорад. Аз рӯи анъана омӯзиши ҳунарҳо дар хонаи устод сурат мегирифт.Онҳо дар хонаи устодашон зиндагонӣ мекарданд ва дар баробари таълиму тарбия ба корҳои хонводагии устодон кумак менамуданд [5].Дар айни замон мактаби усдоиву шогирдӣ бо фаро расидани шароити мусоид дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, миёнаи махсус, касбӣ ва олӣ ҷараён мегирад, ки дар рушти ин усул заминагузор мебошанд. Ин усул яке аз анъанаҳои қадимаи миллии тоҷик буда, муҳаққиқ П.А.Ганчарова онро дар радифи дигар усулҳои шогирдтайёркунӣ баррасӣ намудааст[4].

Зеро, баробари ба тавсиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ” аз 1 августи соли 2003, №43 ва қабул гардидани “Барномаи рушди ҳунарҳои бадеии халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 – 2015 аз 31 октябри соли 2008, №513 дар тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб барои муассисаҳои ҳунарҳои бадеӣ диққати махсус дода шудааст. Ба хусус, ҷалби занони кишвар бар эҳё ва рушди ҳунарҳои миллӣ яке аз тадбирҳои саривақтии давлату Ҳукумат буд, ки натиҷаҳои босамарро ба бор овард. Ҳунарҳои суннатии занони тоҷик дорои ҳувияти миллианд, ки онро таърихи халқ ва фарҳанги бою ғании мардуми кишвар муайян мекунад. Ҳунарҳои дастӣ, гулдӯзӣ, мончӯзӣ, риштадӯзии тиллоӣ (зардузӣ), бофандагии намунавӣ (атлас, адрас, беқасаб), дӯхтани либоси миллии занонаи “чакан” муҳимтарин фарҳанги халқ ба ҳисоб мераванд, ки дар сатҳи олӣ офарида шудаанд.

Дар манотиқи гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои миллии ҳунарҳои анъанавии занон аз ҳамдигар тафовут доранд.

Маълум аст, ки захираҳои моддӣ беохир набуда, бо мурури замон фарсуда мешаванд, аз ин рӯ, нигоҳдорӣ ва ҳифзро талаб мекунанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши санъати халқӣ на танҳо барои

ҳунармандӣ зарур аст, балки дар рушди тамоми санъати ороишию амалӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад. Илова бар ин, намунаи баланди маданияти бадеӣ, аз ҷониби наслҳои сершумори ҳунармандони мардумӣ сохта шудааст, ҳунарҳои мардумӣ ба дигар намуди ҳунари эҷодкорӣ маводи арзишмандеро фарогир мебошанд.

Дар самти марҳилаҳои рушди ҳунарҳои миллӣ муассисаҳои таълимӣ низ фаъолиятро ҳамаҷониба вусъат бахшида, дар ин замина ба хусус ҷиҳати тайёр намудани кадрҳои ҳунарманд саҳми намоён гузоштаанд.

Муассисаи таълимии давлатии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров яке аз ҳамин гуна муассисаҳое мебошад, ки дар тайёр намудани кадрҳои омӯзгориву ғайриомӯзгорӣ барои ҷумҳурӣ мақоми махсусро доро мебошад. Таҳқиқи ҳуҷҷатҳои муассисаи мазкур баёнгари он аст, ки ин муассиса дар таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисон саҳми беназир дошта, факултети санъати тасвирӣ ва дизайни муассиса барои рушди ҳунарҳои анъанавии мардумӣ саҳми боризе гузошта истодааст.

Дар соли 1967 бо қарори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар собиқ Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинобод ба номи С.М.Киров дар назди шуъбаи нақша, расм ва меҳнат таъсис ёфт. Дар ин даврон ҳайати омӯзгорон се нафарро аз ҷумла Д. У. Умаров, У. Аҳмадхӯҷаев ва А. И. Мазунин ташкил медод. Соли аввали таҳсил ба шуъба 26 нафар довталаб қабул гардид. Соли 1968 гурӯҳҳои тоҷикӣ ва русӣ ташкил дода шуда, аз сабаби зиёд шудани гурӯҳҳо ва нарасидани омӯзгорони соҳибкасб муаллимони русзабон З. Н. Умеренкова, Б. П. Геза, В. Н. Евсюков ба донишкада даъват карда шуданд. Соли 1969 довталабон ба гурӯҳҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ қабул карда шуданд, ки зарурати бо муаллимони ӯзбекзабон таъмин намудани раванди таълим ба миён омад. Дар натиҷа бо ризоияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Ӯзбекистон хатмкунандагони Донишкадаи омӯзгории ба номи Низомии шаҳри Тошканд А.Ҷамолиддинов, М. Абдуллоев, Р. Айметов ва Р. Х. Ким ба донишкада ба кор даъват карда шуданд.

Соли 1972 дар таърих нахустин кадрҳои омӯзгории баландихтисоси нақша, расм ва меҳнат шуъбаро хатм намуданд. Нахустин муаллимони фанҳои нақшакашӣ, расмкашӣ ва меҳнат ба мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ фиристода мешуданд. Бо қарори комиссияи давлатӣ аз байни хатмкунандагони аввалин донишҷӯёни соҳибистеъдод, мисли Т. Шодиев, О. Ғозиев, С. Ҳасанов ва Ш. Аҳмедов барои фаъолияти омӯзгорӣ дар шуъбаи мазкур ба кор қабул шуданд. Ҳамин тавр, дар солҳои баъдӣ низ гурӯҳи донишҷӯёни соҳибистеъдод, монанди К. Р. Мӯъминов, Н. А. Руденко, С. Г. Вишнякова, Л. А. Прошина, Х. Холматов, О. Исмоилов, М. Н. Дадобоева, Т. Ю. Раҷабов, А.Исроилов, Ф. Н. Яҳёев, М. В. Қодирова, А. Умаров, М.М.Муллоҷонов, М.Ч.Ашӯров, К.Шарипов, М.Акрамов, С. М. Сулаймонов, Н. Раҳматуллоев ва дигарон ба фаъолияти касбии хеш шуруъ намуданд. Дар асоси шуъбаи мазкур факултети рассомию графикӣ таъсис ёфта, нахустин роҳбари факултет З. Н. Умеренкова таъин гардид. Дар тули роҳбарии З. Н. Умеренкова ба муаллимони факултет муяссар шуд, ки барои такмили донишу маҳорат ба марказҳои илмии шаҳрҳои Маскав, Санкт-Петербург, Киев, Минск, Витебск, Тошканд ва Душанбе сафарҳо намоянд[22].

Айни замон дар донишгоҳи мавриди назар кафедраи санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои мардумӣ; кафедраи технология ва методикаи таълими он фаъолият дошта, устодони он дар омода намудани мутахассисон саҳми густурдае мегузоранд. Ин аст, ки оид ба тайёр кардани кадрҳои соҳибунвон дар факултет чораҳои зарурӣ андешида шуда, аз рӯи ихтисоси мазкур Шурои диссертатсионии 6D КОА-045 дар назди МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" аз рӯи ихтисоси 6D 010700- Назария ва методикаи таълими санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ ва 6D 012000- Назария ва методикаи таълими касбӣ (технология) амал мекунад, ки дар ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ соли 2019-2021 8-нафар унвонҷӯю докторантони (PhD) Азизов Ш.Ю., Алиева М.Н., Мирзобоев З.З., Дадобоева Б.Э., Абдуллоева А.У.,Тоирова М.М., Бобоева Ш.Ҳ., Ғаниева М.А. ва Уралова Н.С. рисолаҳои номзадии хешро бомуваффақият дифоъ намуданд [3]. Дар муассиса Арт-голереяи "Монӣ" фаъолият дорад.

Дар ҳифз ва рушди ҳунарҳои мардумӣ нашри китоби олими варзида Ҳасанов С, "Санъати умумиҷаҳонӣ", "Санъати муосири Тоҷикистон", дастури методии "Минётурнигорӣ", "Колбадшиносӣ" бо ҳаммуаллифии Ҳасанов С, Раҳимов У, "Мухрадузӣ" ба нашр расидаанд, ки барои шинохти соҳа аҳамияти махсусро соҳиб мебошанд. Ҳасанов С, бо қарори Раиси вилояти Суғд аз 23.08.2022с. таҳти № 320 барои силсилаи китобҳояшон дар рӯнамоӣ ва муаррифии осори мусаввирони вилояти Суғд ба Ҷоизаи ба номи академик Бобоҷон Ғафуров шоиста дониста шудааст [3].

Дастпарварони донишгоҳ дар бисёр озмунҳову намоишҳо иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён гардидаанд. Дар ин хусус дар давраи ҷамъбастии фестивали ҷумҳуриявии "Ҷилваи рангҳо-2021" дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, донишҷӯи курси панҷуми ихтисоси технолигияи донишгоҳ Матлуба Ниёзова иштирок намуда, мақоми ифтихориро соҳиб гардид [27]. Айни замон мавсуф дар зинаи магистратура идомаи таҳсил намуда истодааст. Баргузории фестивали "Сад ранги чакан" низ яке аз тадбирҳои асили гиромидошти арзишҳои фарҳангӣ буда, ҳадафи он баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстиву хештаншиносӣ, ифтихори ватандорӣ, арҷ гузоштан ба таъриху тамаддун, фарҳангу адабиёт, расму оинҳои милливу мардумӣ ва ба ин васила муаррифии санъату ҳунари волои халқи тоҷик мебошад. Матлуба Ниёзова дар фестивал озмуни вилоятии "Сад ранги чакан" бахшида ба "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон шудани солҳои 2019-2021 дар бахши "Беҳтарин либоси маросимӣ ва идона" мақоми аввалро соҳиб гардида, бо диплом қадршиносӣ гардид. Мавсуф соли 2023 дар Озмуни ҷумҳуриявии "Тоҷикистон-Ватани азизи ман" дар наминатсияи "Дизайн" сазовори ҷойи якум ва барандаи ҷоиза гардид.

Дар рушди ҳунари наққошию кундалкорӣ яке аз бонувони ин боргоҳи ҳунар Дадобоева Муҳарам Наимҷоновна саҳми босазое дорад. Дадобоева Муҳарам дар арсаи таълиму тадрис шогирдони зиёде ба камол расонида, дар адои рисолати инсонӣ ҳамеша устувор ва собитқадам будааст. Мавсуф зиёда аз 40 сол ба касби ҳунаромӯзиву таълимдиҳӣ машғул шуда, умри пурбаракати худро дар таълиму тарбияи шогирдон масраф кардааст. Фаъолияти таълимиву илмӣ ва ҳунармандии Дадобоева Муҳарам аз соли 1986 оғоз шудааст. Баъди хатми факултети нақша, расм ва меҳнати Институти омӯзгории шаҳри Ленинобод (1986) ҳоло ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров ба таълиму тарбияи шогирдон камар мебандад ва ишқи омӯзиши ҳунарҳои бадеиро дар дили хонандагон бедор менамояд. Бояд гуфт, ки ӯ зиёда аз 40 асари илмӣ, илмӣ-методӣ, публисистӣ ва мақолаҳо таълиф кардааст, ки мисоли барҷастаи он "Сарулибос –тарғибгарӣ маданият ва фарҳангӣ миллӣ", "Нақши олимон дар нигоҳ доштани мероси гаронбаҳои санъати мардумӣ", "Марҳилаҳои таърихии рушди ҳунарҳои мардумӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон", "Ҳунарҳои мардумӣ муаррифгарӣ шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ", "Таблиғи ҳунарҳои халқӣ ва анъанаҳои мардумӣ яке аз самтҳои асосии фарҳангӣ миллӣ", "Таърих ва марҳалаҳои рушди ҳунари кашидадӯзӣ ва сӯзанидӯзии миллӣ", "Роҳҳои омӯзишии ҳунарҳои мардумӣ дар муассисаҳои таълимӣ", "Нақши олимон дар рушди ҳунарҳои миллӣ", китобҳои "Наққошӣ ва кундалкорӣ", "Қуроқдӯзӣ", "Кашидадӯзӣ", "Таърихи дизайн, сару либос ва муд" мебошад [22]. Китоби "Таърихи дизайн, сару либос ва муд" соли 2018 аз чоп баромада, давраҳои қадими оғози фаъолияти ашёвӣ-бадеии инсон то марҳалаи асрҳои Х1Х-ХХ-ро дар бар мегирад. Дар он аз давраҳои асосии таърихӣ, равияҳои санъат, пайдоиш ва инкишофи дизан, таърихи сару либос, ихтироъҳо ва шахсони намоёни ин соҳа, хизматҳои шоёни олимон дар нигоҳ доштани мероси гаронбаҳои миллӣ сухан меравад [6].

Рӯзгори фарҳангиву эҷодии Дадобоева Муҳарам собит менамояд, ки ӯ ҳамчун як зани асилу ҳунарманди тоҷик барои ташаккул ва таҳаввули фарҳанги миллӣ саҳми намоён гузоштааст.

Дигар аз мутахассисони маъруф, ки корномаи ӯ собит месозад, донишгоҳи мавриди назар дар тайёр намудани кадрҳои соҳибназару ҳунарманд саҳми намоёне дорад, мутахассиси ҳунарҳои миллӣ Эшонова Насиба Носирҷоновна аст. Ӯ хидмати шоистаеро барои рушд ва дифои арзишҳои милливу маънавӣ ва фарҳанги бадеии халқи тоҷик ба анҷом расонидааст. Мавсуф ба ҳайси рассоми санъати амалӣ, муаллими калони кафедраи санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои халқии факултети санъати тасвирӣ ва дизайни МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" тавонист барои эҳёи санъати маҳаллӣ, инчунин, барои омода намудани шогирдон пайваста кӯшиш намояд. Насиба Эшонава аз соли 1986 баъди хатми Донишгоҳи давлатии театрӣ- рассомии ба номи Остовский, (ҳозира Камолиддин Беҳзод) шаҳри Тошканд фаъолият намуда, шогирдони баландпояро омода намуда истодааст. Аз ин рӯ, бисёре аз суннатҳои нодири мо дар натиҷаи бетаваҷҷӯҳӣ ва ҷаҳонгароӣ ба фаромӯшӣ низ рафтаанд. Мавсуф муаллифи зиёда аз 20 мақолаҳои илмӣ –оммавӣ буда, бо таълифоти арзишманди худ на танҳо дар густариши маорифу фарҳанги тоҷик саҳм мегузорад, балки бо тайёр намудани кадрҳои соҳибунвон ҳунармандони кишварро низ таъмин менамояд.Зеро шогирдони зиёдеро дар атрофи худ сарҷамъ намуда, як мактаби ҳунармандиро асос гузошт. Дар ҳавзаи ҳунармадии Хуҷанд чанд тан аз шогирдони мавсуф дар заминаи эҳёи ҳунарҳои миллӣ ҳиссагузор мебошанд.Зеро имрӯз шогирдони Насиба Эшонова на танҳо дар ҳавзаи Хуҷанд, балки дар аксари минтақаҳои кишвар кору фаъолият мебаранд. Насиба Эшонова дар эъҷоди силсилаи мусаввараҳо бахшида ба зиндагиномаи академик Бобоҷон Ғафуров, як қатор асарҳои монументалии шаҳрҳои Гулистон, Хуҷанд,

Конибодом, Ҷаббор Расулов хидмати шоиста анҷом додааст. Насиба Эшонава барои тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанги бадеӣ соҳиби ордену медалҳо ва ифтихорномаҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ шудааст. Мавсуф соли 1989 аъзои Иттифоқи рассомони Шӯравӣ, аъзои Иттифоқи рассомони Тоҷикистон, соли 1996 дорандаи Ҷоизаи ба номи Камоли Хуҷандӣ, соли 2011 аъзои Академияи мусаввирони Тоҷикистон, соли 2012 раиси Иттифоқи рассомони вилояти Суғд, соли 2015 барандаи Ҷоизаи ба номи Маҳастии Хуҷандӣ шудааст[22].

Дигар муассисае, ки дар ҳавзаи вилояти Суғд барои таълиму тарбияи ҷавонон ва омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ нақши боризе дорад,Колеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан мебошад. Таъсиси ин коллеҷ далели эътироф, пуштибонӣ ва ҳифзи ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби Роҳбарияти олии сиёсии мамлакат ва падидаи наву нодири замони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин муассиса аз рӯи 13 ихтисос ва равияҳои ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла санъат ва ҳунарҳои бостонии гулдӯзӣ, зардӯзӣ, кашидадӯзӣ, адрасу атласбофӣ ва қолинбофӣ, мутахассисони соҳибмаълумотро тайёр менамояд. Дар муассиса 43 нафар омӯзгорон, рассомон ва ҳунармандони халқӣ ба донишҷуён нозукиҳои ҳунарҳои халқӣ, тарроҳии либосҳои миллӣ, кандакорӣ, армуғонсозӣ, наққошӣ, графика ва хаттотӣ, гаҷкорӣ, заргарӣ, оҳангарӣ ва ғайраҳоро меомӯзонанд. Мавриди зикр аст, ки аз оғози таъсисёбӣ, ҳунармандони коллеҷ зиёда аз 70 маротиба дар намоишгоҳҳои эҷодии шаҳрӣ, 33 маротиба дар вилоятӣ ва 29 маротиба дар озмуну фестивалҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ширкат намуда, сазовори ҷоизаву ифтихорномаҳо шудаанд. Дар ин боргоҳи таълим аз рӯи усули анъанавии миллии “устодиву шогирдӣ” шогирдонро тарбия менамоянд. Маъмултарини ҳунарҳо дар муассиса коркарди бадеии чӯб, маҳсулоти бадеӣ аз матоҳои нассоҷӣ, тарроҳӣ ва поракунии либоси нассоҷӣ, гулдӯзӣ ва ғайраҳо мебошанд. Таҳлили маводҳои мавҷуда нишон дод, ки дар давоми солҳои таҳсили 2011-2022 теъдоди муайяни таълимгирандагони муассисаи мазкур вобаста ба ихтисосҳои санъати бадеӣ 676 нафар таълимгирандагон касб аз худ намуда, инчунин аз байни онҳо шумораи духтарон муайян карда шуданд, ки аз соли 2011 то соли 2022 403 нафар донишҷӯдухтарон коллеҷро хатм карданд, ки онҳо дар рушди ҳунарҳои миллӣ саҳми намоёне гузоштаанд [26].

Маълум мешавад, ки занону духтарон ва модарони тоҷик ин ҳама ойину суннатҳоро на фақат зинда доштанд, балки эҷодкорона пайваста такмил додаву сифатан боло бурдаанд ва бар он сифатҳои нав ба нав зам карданд. Чунончи Ҷумаева Нигина Фарҳодҷоновна яке аз бонувони ҳунарманд ба ҳисоб рафта, дар рушду эҳё ва таълими ҳунарҳои волои мардумиамон ҳиссагузор мебошад. Мавсуф 2.12.1999 деҳаи Вогати шаҳри Истаравшан ба дунё омадааст. Хонаводаи мавсуф аз ҷониби модарӣ рассом, аз тарафи падарӣ бошад, наққош буданд. Тибқи нақли ӯ “устоди аввалинаш падараш буда, аз хурдсолӣ ба расмкашӣ шавқу рағбати зиёд доштааст ва ҳангоме, ки ягон намуди кори наққоширо анҷом диҳад, падараш ғалатҳояшро ислоҳ мекардааст [24].

Нигина соли 2018 мактаби миёнаро бо баҳои аъло хатм мекунад. Баъд аз хатми мактаб Нигина Ҷумаева ба коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан дохил шуда, таҳсилро давом медиҳад.Дар курси 3-ум ғолиби озмуни “расмкаши беҳтарин” мешавад. Баъдан ба мусобиқаи даври дигар дар шаҳри Душанбе иштирок намуда, бо ифтихорнома сарфароз мегардад. Соли 2021 коллеҷро аз рӯи ихтисоси наққош бомуваффақият хатм менамояд. Баъди хатми коллеҷ директори муассиса фаъолнокиашро ба назар гирифта,ӯро ба кор қабул мекунанд. Айни замон Нигина Ҷумаева донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд мебошад ва дар таълиму тарбияи шогирдон саҳм мегузорад. Ба шогирдон ҳунари наққоширо омӯзонида истодааст [24].

Дигар аз кадрҳои барӯманди ҳунарҳои миллӣ Адҳамова Махфират Мирзораҷабовна аст. Мавсуф устои ҳунари кашидадӯзӣ буда, шогирдони зиёдеро ба камол расонидааст. Махфират Адҳамова 60 сол мешавад, ки бо кашидадӯзӣ ва гулдӯзӣ машғул аст. Ҳамзамон муаллими калони Коллеҷи ҷумҳуриявии ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан буда, барои тарбияи ҳунармандони асил ҳамеша дар хизмат аст. Мавсуф 14.12.1947 дар шаҳри Истаравшан, дар оилаи ҳунарманд таваллуд шудааст. Барои хизматҳояш Махфират Адҳамова соли 2005 бо нишони Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008 бо нишони Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор гардонида шудааст. Ӯ аъзои Иттифоқи рассомони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мебошад. Махфират Адҳамова соҳиби «Грант» гардида, соли 2011 дар намоиши санъати ороиши амалии дастӣ дар шаҳри Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо диплом сарфароз гардонида шудааст. Соли 2014 дар озмуни вилоятии «Ҳунарҳои зебои мардумӣ» фаъолона иштирок намуда, барои офаридани сӯзаниҳои миллӣ бо усули бухороӣ сазовори ҷои аввал ва мукофотпулии ба миқдори 10 ҳазор сомонӣ гардид. Тирамоҳи ҳамон сол дар намоишҳои шаҳри Москва дар доираи

чорабиниҳои форуми байнипарлумонии «Русия — Тоҷикистон» фаъолона ширкат варзида, ҳунарҳои зебои миллии тоҷикиро муаррифӣ намуд. Маҳсули дастони Махфират Адҳамова дар Ҳиндустон, Кореяи Ҷанубӣ, давлатҳои Аморати Муттаҳидаи Араб ба намоиш гузошта шудааст. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 бо медали «Хизмати шоиста» мукофотонида шудааст. Кашидадӯзӣ китоби дарси барои синфҳои 1 маҳсули заҳматҳои ӯ мебошад [23]. Дар солҳои Истиқлолият шумораи таълимгоҳҳои бадеие, ки ҳунарҳои миллиро меомӯзонанд, зиёд шуда истодааст,ки дар он ҷода саҳми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назаррас аст. Дар роҳи инкишофи ҳунарҳои санъати дастӣ муаммоҳои гуногун нуҳуфтаанд, ҳатто бархе аз онҳо дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон қариб аз байн рафтаанд. Бинобар ин, ҳоло зарурати ҳалли масъалаҳои марбут ба рушди ин намуди санъат ба миён омадааст. Пеш аз ҳама, санъати амалии халқӣ барои пайдо намудани ҳанармандони нав ва пешкаши мардум намудани ҳунарҳои онҳо ба дастгирии ҳамаҷониба ниёз дорад. Дар замони мо як қатор амалҳое, ки пештар дастӣ иҷро мешуданд, тавассути компутерҳо таҳрезӣ мешаванд. Хуб аст, ки донишҷӯён аз дастовардҳои ҷаҳони муосир бархӯрдор мегарданд, аммо фаромӯш набояд кард, ки ҳунари анъанавии тоҷикон аз куҷо сарчашма гирифтааст ва корҳои эҷодии ҳунармандон бо кадом технология офарида мешавад.

**АДАБИЁТ:**


1. Азизӣ Ф., Традиционный художественный институт как феномен таджикской народной педагогики / Ф. Азизӣ, Ф.С.Рофиева // Балтийский гуманитарный журнал: педагогические науки. Т.6. – №4 (21) 2017. – С. 231-234
2. Андреев, М.С. К материалу по среднеазиатской керамике / М.С. Андреев // Запись экспедиции от общества для изучения Таджикистана и Средазкомстариса, работавшей в пределах Таджикистана летом 1925. – Ташкент, 1926.
3. Бобокалонов,А. 80 зинати камолот/ А.Бобокалонов,Ҳ.Холҷӯраев, Ш.Шарипов.-Хуҷанд, Нури маърифат. – 2012. – 660 с.
4. Гончарова П.А., Санъати зардузии Бухоро/П.А.Гончарова.– Тошкент: Адабиёт ва санъати ба номи Ғафур Ғулом. – 1986. – 110 с.
5. Дадобоева М.Н. Таърихи дизайн, сару либос ва муд (китоби дарсӣ). –Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – 232 с.
6. Дадобоева М.Н. Нақши анъанаҳои миллӣ дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ// Номаи донишгоҳ: силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2017. – №2 (51). – С. 222-227.
7. Ершов, Н.Н. Каратаг и его ремѐсла / Н.Н. Ершов. – Душанбе: Дониш, 1984.
8. Кирпичников Н.А. Краткий очерк некоторых туземных промыслов в Самаркандской области. Справ. Кн. Самарк. обл. на 1897 год. - Самарканд, 1897.
9. Кушакевич, А. Гончарный промысел в Ходжентском уезде / А. Кушакевич // Туркестанские ведомости. – 1871. – № 4.
10. Маев, Н.А. От Ташкента до Катты Кургана/Н.А.Маев// Русский вестник – СПб. – 1870. – №3 – С 243-247.
11. Мукминова, Р.Г.Очерки по истории ремесла в Самарканде и Бухаре 16 веке/Р.Г.Мукминова.– Ташкент, 1976.
12. Нурҷонов, Н.Гулдӯзии тоҷикӣ/Н.Нурҷонов.- Москва: Искусство, 1979. – 130 с.
13. Пашино,П.И. Записки о производительных силах Туркестанской области/ИРГО, т.Ш, №4.СПб.,1867. –с 120-138; Путевые заметки. – СПб ., 1868. – С.176 –180.
14. Пещерева, Е.М. Гончарное производство Средней Азии/Е.М. Пещерева// Тр. Ин-та этнографии АН СССР. Нов. Серия. – Т. 42. – М. – Л., 1959.
15. Рофиева, Ф.С. Воспитательная роль художественного ремесла/Ф.С.Рофиева// вестник педагогического университета (Республика Таджикистан). – 2014. – №3-2. – С. 170-172.
16. Семенов, А.А. Этнографические очерки Зарафшанских гор Каратегина и Дарвоза/А.А.Семенов.–Москва. – 1903.
17. Сухарев,О.А.Костюм народов Средней Азии.Историко этнографические очерки/О.А.Сухарев. – Москва. – 1979.
18. Турсунов, Н.О. Из истории ремесла северного Таджикистана (ткацские промыслы Ходжента и его пригородов в конце XIX- XXI вв)/Н.О.Турсунов.-Душанбе: Дониш, – 1974.
19. Ҳасанов С., Таърихи мухтасари ташаккули санъати миллии тоҷикон. Нашриёт :Нури маърифат/С.Ҳасанов.–Хуҷанд. – 2014. – 173 с.

20.Ҷӯразода, Ҷ.Ҳ. Аз таърихи ҳунарҳои мардумӣ/ Ҷ.Ҳ.Ҷӯразода, Ҷ.Б.Исомитдинов, И.У.Раҳимов И.У.- Хуҷанд – Нури маърифат: 2021. – 240 с.
21.Энсиклопедияи донишгоҳ. – Хуҷанд: Ношир. – 2022. – С. – 936.
22.Муҳосиба (аз ҷониби муаллиф) бо омӯзгор Адҳамова Махфират Мирзораҷабовна санаи 4 июни соли 2023
23.Муҳосиба (аз ҷониби муаллиф) бо омӯзгор Ҷумаева Нигина Фарҳодҷоновна санаи 15 июни соли 2023
24.Муҳосиба (аз ҷониби муаллиф) бо Дадобоева Муҳарам Наимҷоновна санаи 3 майи соли 2024
25.Муҳосиба (аз ҷониби муаллиф) бо Ҳабибов Шоилҳом Юсупович- муовини директор оид ба корҳои таълими Колеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан. Санаи 10 апрели 2023

**Манбаъҳои электронӣ**

26.Тарроҳ Матлуба Ниёзова мақоми нав гирифт.[маводи электронӣ] Sugdnews.com/(сани муроҷиат: 11.05.2024)

**REFERENCES:**

1. Azizi F., Rofieva F.S. Traditional art institute as a phenomenon of Tajik folk pedagogy / F. Azizi, F.S. Rofieva // Baltic humanitarian journal: pedagogical sciences. Vol. 6. - No. 4 (21) 2017. - Pp. 231-234
2. Andreev, M.S. On the material on Central Asian ceramics / M.S. Andreev // Record of the expedition from the society for the study of Tajikistan and Sredazkomstaris, which worked within Tajikistan in the summer of 1925. - Tashkent, 1926.
3. Bobokalonov A., Kholjuraev H., Sharipov Sh.. 80 ornaments of perfection. Khujand, Nuri marifat. – 2012. – 660 p.
4. Goncharova P.A., Bukhara goldsmithing art – Tashkent: Literature and art named after Gafur Ghulom. – 1986. – 110 p.
5. Dadobaeva M.N. History of design, clothing and fashion (textbook). – Khujand: Nuri marifat, 2018. – 232 p.
6. Dadobaeva M.N. The role of national traditions in the revival of folk crafts// University letter: series of humanities and social sciences. – 2017. – No. 2 (51). – P. 222-227.
7. Ershov, N. N. Karatag and its crafts / N. N. Ershov. – Dushanbe: Donish, 1984.
8. Kirpichnikov N. A. Brief outline of some native crafts in the Samarkand region. Reference Book. Samarkand region for 1897. - Samarkand, 1897.
9. Kushakevich A. Pottery in the Khojent district / A. Kushakevich // Turkestan news. – 1871. – No. 4.
10. Maev N. A. From Tashkent to Katta Kurgan // Russian Bulletin – St. Petersburg. – 1870. – No. 3 – P. 243-247.
11. Mukminova R.G. Essays on the history of crafts in Samarkand and Bukhara in the 16th century. - Tashkent, 1976.
12. Nurjonov N., Tajik Embroidery. Moscow: Art, 1979. – 130 p.
13. Pashino P.I. Notes on the productive forces of the Turkestan region / IRGO, v.Sh, No.4.SPb., 1867. -s 120-138; Travel notes. - SPb., 1868. - P.176 -180.
14. Peshchereva, E.M. Pottery production in Central Asia / E.M. Peshchereva // Proceedings of the Institute of Ethnography of the USSR Academy of Sciences. Nov. Series. – T. 42. – M. – L., 1959.
15. Rofieva F.S. Educational role of artistic craft// Bulletin of the Pedagogical University (Republic of Tajikistan). – 2014. – No. 3-2. – P. 170-172.
16. Semenov A.A. Ethnographic essays on the Zarafshan Mountains of Karategin and Darvoz. – Moscow. – 1903.
17. Sukharev O.A. Costume of the peoples of Central Asia. Historical and ethnographic essays. – Moscow. – 1979.
18. Tursunov N.O. From the history of crafts in northern Tajikistan (weaving crafts of Khojent and its suburbs at the end of the 19th-21st centuries) Dushanbe: Donish, - 1974.
19. Hasanov S., A brief history of the formation of Tajik national art. Publishing house: Nur Ma'rifat. – Khujand. – 2014. – 173 p.
20. Jurazoda J.H., Isomitdinov J.B., Rahimov I.U. From the history of folk crafts. Khujand – Nur Ma'rifat: 2021. – 240 p.
21. University Encyclopedia. – Khujand: Publisher. – 2022. – P. – 936.
22. Conversation (by the author) with the teacher Adhamova Makhfirat Mirzorajabovna dated June 4, 2023
23. Conversation (by the author) with the teacher Jumaeva Nigina Farkhodjonovna dated June 15, 2023
24. Conversation (by the author) with Dadoboeva Muharam Naimjonovna dated May 3, 2024

25. Conversation (by the author) with Habibov Shoilhom Yusupovich - Deputy Director for Educational Affairs of the College of Folk Crafts of the city of Istaravshan. Date April 10, 2023

**Electronic resources**

26. Tarroҳ Matluba Niyozova maqomi nav girift [electronic source] Sugdnews.com/ (date of access: 05/11/2024)